Протоколи №2/12.1-28
ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ

ш. Душанбе 16 майи соли 2013

**Раисӣ кард:** Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон
Раиси Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетӣ Оқилов О.Ғ.

**Иштирок карданд:** Давлатов М.С. – муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Наҷмуддинов С.М. – Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш.Раҳимзода – Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Салимов Н.Ф. –Вазири тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саидов Н.С. – Вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, М. Асрорӣ – Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қосимов Қ.Р. – Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саидов Д.Ш. – Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширинов А. – Раиси Бонки миллии Тоҷикистон, Сангинов Э.Н. – муовини аввали Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мирсайев Ҳ.С. – муовини Вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Камолитдинов И.Ҷ. – мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ, Ҷаборов О.А. - мудири Шӯъбаи молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Солиев А.М. – муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҳмадов Н.Ш. – муовини Сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Рӯзномаи ҷаласа:** баррасии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2014 - 2016.

**Баромад намуданд:** Оқилов О.Ғ., Наҷмуддинов С.М., Салимов Н.Ф., М. Асрорӣ, Қосимов Қ.Р., Саидов Н.С., Солиев А.М., Маҳмадов Н.Ш. ва дигарон.

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2014 - 2016 баррасӣ ва муҳокима гардида, қарор карда шуд:

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2015-2016 маблағҳои лоиҳаҳои сармоягузориҳоро, ки дар марҳилаи гуфтушуниду баимзорасӣ қарор доранд, дар доираи то 500 млн. сомонӣ ба инобат гирад.

2. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даромади буҷетро аз рӯи намудҳои андоз, пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин таносуби ҳиссаи онҳоро аз рӯи фаъолияти иктисодии дохилӣ ва берунӣ таҳлил карда, то баррасии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014» муайян намоянд.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Шӯъбаи молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи лоиҳаи қарори Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалиятҳои соҳавиро муайян карда, барои маъқул донистан пешниҳод намоянд.

4. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2014 – 2016 варианти мувофиқ (оптималӣ) ҳисобида шуда, ҳамчун асос маъқул дониста шаванд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини шафофияти ҷараёни таҳияи лоиҳаи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2014 ва нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2015-2016, «Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2014 – 2016» ва афзалиятҳои соҳавиро барои маълумот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда, онҳоро дар сомонаи вазорат ҷойгир намояд.

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон
Раиси Комиссияи
доимоамалкунандаи буҷетӣ О. Оқилов

Қарори
Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

ш. Душанбе №2/12.1-28 аз 16 майи соли 2013

Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2014 - 2016 баррасӣ ва муҳокима гардида, қарор карда шуд:

1. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, даромадҳои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳадди ниҳоии хароҷоти он аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2014 – 2016 ҳамчун асос маъқул дониста шавад.

2. Дар соли 2014 афзалиятҳои соҳавӣ ба таври зайл муайян карда шаванд:

Барои соҳаи мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ:

- татбиқи Консепсияи ислоҳоти музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хизматчиёни давлатии мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати зиёдшавии музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ.

Барои соҳаи мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ:

- беҳтар намудани таъмин сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амволи махсус;
- рушди соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мустаҳкам намудани заминаи моддию техникии мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Барои соҳаи маориф:

- ислоҳоти таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- рушди муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ.

Барои соҳаи тандурустӣ:

- беҳтар намудани сатҳи солимии аҳолӣ аз рӯи таъмини дастрасӣ, сифат ва самаранокии хизматрасониҳои тиббию санитарӣ;
- татбиқи механизми нави маблағгузорӣ дар асоси усули сарикасӣ дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ;
- ташхис ва табобати саривақтии бемории сил ва вируси норасии масъунияти одам (ВНМО);
- мустаҳкам намудани базаи моддию техникии муассисаҳои тандурустӣ.

Барои соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ:

- ҷорӣ намудани низоми нави кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ҷиҳати беҳбудбахшии ҳолати табақаҳои камбизоати аҳолӣ;
- татбиқи саривақтии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ»;

- дастгирии ҳифзи иҷтимоии маъюбон бо мақсади ташкили шароити мусоиди зиндагӣ.

Барои соҳаи фарҳанг:

- рушди санъати сирк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таъмини Барномаи давлатиии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020.

Барои соҳаи хоҷагии манзилию коммуналӣ:

- таъмини чорабиниҳои коммуналӣ вобаста ба ободонии вилоят, шаҳру ноҳияҳо ва деҳот;
- беҳтар намудани таъминоти аҳолии ҷумҳурӣ бо оби тозаи нӯшокӣ;
- беҳтар намудани ҳифзи муҳити зист ва васеъ намудани ҳудуди майдонҳои ҷангалзор дар ҷумҳурӣ;
- ҷорӣ намудани механизми пардохти суроғавии хизматрасонии коммуналӣ ба имтиёздорон.

Барои соҳаи энергетика:

- сохтмони НБО-ҳои хурду миёна;
- корҳои ҷустуҷӯию геологӣ дар соҳаи нафту газ ва ангишт;
- безарар намудани партовҳои урандор ва бартараф намудани таъсири манфии он ба муҳити зист.

Барои соҳаи кишоварзӣ:

- дастгирии барномаҳои соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ;
- баланд бардоштани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва зиёд намудани заминҳои нави обёришаванда;
- барӯихатгирии заминҳои кишоварзӣ, харитасозӣ ва бо сертификат таъмин намудани аҳолӣ;

Барои соҳаи нақлиёт ва коммуникатсия:

- сохтмон, таъмиру барқарорсозӣ ва нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ;
- беҳтар намудани базаи моддию техникии муассисаҳои роҳдорӣ.

Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>
Раиси Комиссияи<br>
доимоамалкунандаи буҷетӣ О. Оқилов